**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешбурди минбаъдаи иқтисоди миллиро зина ба зина баланд бардошта, сатҳу сифати зиндагии мардумро дар доираи яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар тарҳрезӣ намуда, онҳоро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст.

Истифода бурдани заминҳои лалмии кишвар манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгии серсафеда ва равғандеҳ, аз қабили мушунг, зағир ва маъсар аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ ва равғани истеъмолии ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ Солиҳов М.М. дар шароити заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор коркарди хок ва захирашавии намиро барои зироатҳои мушунг, маъсар ва зағир таҳия намуд, ки мутаносибан аз ҳар як гектар гирифтани 18; 23 ва 12 сентнер ҳосили донро таъмин намудааст.

Ба ҳисоби миёнаи солҳои 2020-2022 дар аввали давраи нашъунамои зироати мушунг вобаста ба варинтҳо аз 1086 то 1355 $м^3$/га, зироати маъсар аз 1148 то 1333 ва зироати зағир аз 717 то 888 $м^3$/га намӣ захира намуда, пеш аз ҷамъоварӣ мутаносибан аз 257 то 348; 170 то 250; 327 то 438 $м^3$/га боқӣ мондааст. Истифодабарии намии шабонарӯзии мушунг вобаста ба вариантҳо аз 9,5 то 10,9; маъсар аз 10,3 то 11,9 ва зағир аз 8,3 то 10,3 $м^3$/га-ро ташкил додааст.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотии Солиҳов М.М. дар хоҷагии таҷрибавии "Зироаткорӣ" ш. Ҳисор дар масоҳати 13 гектар татбиқ шудааст. Дар доираи таҳқиқот 17 маводи илмӣ ба табъ расидаанд, ки аз онҳо 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич аз рӯйи муҳимият, навоварӣ ва интишорот ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Директори Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси 03.02.13-хокшиносӣ

Хоҷаев Ш.И.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21[а]
Тел.:(+992) 918-42-19-54
E-mail: Sharif_120696@mail.ru

Имзои Ш.И. Хоҷаев-ро тасдиқ менамоям, нозири кадрҳои Институти хокшиносӣ ва агрохимия

Шабнами Раҳимҷон